**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Шарифов Шухратҷон Ҷумъаевич дар мавзуи «Таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ**

Дар таърихи навини тоҷикон соҳибистиқлолӣ дар ҳақиқат неъмати бузург ба ҳисоб рафта, он на танҳо барои рушд ва инкишофи сохти давлатдорӣ мусоидат намуда, робитаҳои гуногунҷабҳа тавсеа ёфтанд, балки барои пешрафти илм ва соҳаи фарҳанг низ имкониятҳои зиёде фароҳам овард. Бо таъсис ёфтани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар таърих ва фарҳанги халқи тоҷик марҳалаи комилан нав оғоз ёфт. Раванди таҳаввулоту дигаргунсозиҳо дар доираи талаботи нав ба ташаккули фарҳанг ва муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Дар ин росто омӯзиши таърихи муассисаҳои фарҳангӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ хеле муҳим буда, он ба саволҳои зиёди беҷавоб посухи дурусти илмӣ медиҳад. Маҳз рӯоварию дар шакли як кори диссертатсионӣ омода кардани таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз тарафи унвонҷӯ Шарифов Шухратҷон Ҷумъаевич аллакай худ боиси дастгирӣ мебошаду чунин рисола хеле зарурӣ ва дар замони муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Аз нигоҳи илмӣ низ чунин корҳо диққатҷалбкунанда мебошанд. Дар алоқа ба ин автореферати Шарифов Шухратҷон Ҷумъаевич низ дорои аҳамияти вижа мебошаду он ба таври фишурда кори диссертатсионии ӯро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ инъикос менамояд. Дар автореферат мубрамияту муҳиммияти илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзуи тадқиқот, мақсаду вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назарияю усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии кори таҳқиқшаванда қайд шудаанд.

Дар қисмати «Тавсифи умумии кор» муаллиф доир ба робитаи кори таҳқиқотии хеш бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои

таҳқиқот, барои расидан ба ҳадаф иҷрои як қатор вазифа, объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ, предмети таҳқиқот, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ-методологии пажӯҳиш, пойгоҳи сарчашмаҳои кор, навгониҳои илмӣ, пешниҳоди якчанд муқаррарот барои ҳимоя, таъйиди диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумоти зарурӣ додааст.

Дар қисми «Мундариҷаи асосии диссертатсия»-и автореферат бошад, муаллиф ба таври мушаххас дар бораи бобҳои кори диссертатсия, аз ҷумла дар бораи боби якум: «Вазъи муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои аввали даврони истиқлол» бо се зербоби он, боби дуюм: «Рушди минбаъдаи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақа» ва зербобҳои он маълумот додааст.

Дар автореферат хулосаи кори диссертатсионӣ, аслан натиҷаҳои асосии илмӣ ва муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар интишороти муаллиф, аз ҷумла 13 мақола дарҷ гаштааст.

Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар натиҷаи истифодаи васеъ, таҳлили муқоисавию интиқодии сарчашмаҳо, маводи мухталиф таҳқиқоти арзишманди илмиро ба анҷом расонидааст.

Мавриди зикр мебошад, ки рисола ба забони ноби тоҷикӣ фасеҳу равон ва хеле хуб навишта шудааст.

Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гашта, маводи наверо пешниҳоди аҳли илм кардааст. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф аксар қобили қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Мазмуни диссертатсия пурра дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Бо автореферат, ки ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст, бо хулосаю натиҷагириҳои аз рисола гирифтаи муҳаққиқ розӣ шудан мумкин мебошад.

Бо назардошти ин ҳама, метавон гуфт, ки автореферати Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич «Таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол» ба тамоми талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ

буда, муаллифи он Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ) арзанда мебошад.

Ноиби ректор оид ба илм ва татбиқоти
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инновасионӣ дар шаҳри Кӯлоб,
номзади илмҳои таърих, дотсент: Исоев Собир Қурбоналиевич

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент
Исоев С.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инновасионӣ дар шаҳри Кӯлоб: Шокиров Қ.